**Тақризи**

**роҳбари илмии унвонҷӯ Ашрапов Баҳодур Пӯлотович ба рисолаи илмии ӯ таҳти унвони «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷики қарнҳои XVIII ва XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. - 171 с.**

Рисолаи номзадии Б.П. Ашрапов ба яке аз мавзуъҳои мубрам ва ҳанӯз аз ин зовия тадқиқнашудаи забоншиносии муосири тоҷикӣ, яъне муқоисаи вежагиҳои морфологии забони адабии тоҷикӣ дар ду марҳалаи таҳаввули он – қарнҳои XVIII ва XX бахшида шудааст. Мавзуъ дар доираи самти тадқиқоти кафедраи грамматикаи забони арабӣ, ки аз бози ташкилаш дар ин самт таҳқиқот мебарад, интихоб шудааст. Интихоби вежагиҳои морфологии забони адабии қарни XVIII-ро ду омили муҳим муайян кардааст:

1. Ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудани паҳлӯҳои гуногуни забони адабии ин аср. 2. Ба чоп омода намудани матни интиқодии асари пурарзиши Муҳаммадвафои Карминагӣ – «Туҳфат-ул-хонӣ» аз ҷониби банда, ки аз оғози ин кор муаллифи рисола ба ин ҷониб кумак мерасонд. Китоб соли 2018 дар Хуҷанд бо ҳамкорӣ бо профессор Ҷ.Ҳ. Ҷӯразода рӯи чопро дид ва Б.П. Ашрапов яке аз муҳаррирони он маҳсуб меёбад.

Интихоби вежагиҳои забони адабии қарни XX-ро зарурати тадқиқот талаб мекард, зеро ҳадафи рисолаи илмӣ муқоисаву муқобалаи ин вежагиҳо, умумият ва хусусиятҳои ин ду марҳала дар таҳаввули таърихии он бо нишон додани онҳо буд. Барои ба ин ҳадафҳо расидан осори таърихии устод Айнӣ ва, бавежа, рисолаи дар бораи амирони манғития навиштаи устод интихоб шуд, ки «Туҳфат-ул-хонӣ» яке аз сарчашмаҳои асосӣ дар китобати он маҳсуб мешавад.

Б.П. Ашрапов аз соли 2013 инҷониб машғул ба омӯзишу таҳқиқи ин мавзуъ аст. Дар давоми ҳамаи ин солҳо на танҳо бо сарчашмаҳо ва дастхатҳои осори таърихии қарнҳои XVIII ва XIX ошно шуд, балки бо хондани онҳо машғул ва малакаи комили баргардонии онҳоро ба даст овард. Гузашта аз ин, бо осори зиёди илмӣ шинос шуд. Азбаски, ба ғайр аз забони тоҷикӣ боз ба забонҳои англисӣ, арабӣ ва русӣ балад аст, бо ин забонњо низ сарчашмаҳои зиёди илмиро ҷамъоварӣ намуда, аз онҳо низ фаровон истифода ва бо ҳамин зербинои тарҳи қазия ва файсалаи онҳоро пурқувват намуд. Таҳияю чопи зиёда аз 20 мақола бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ шоҳиди ин гуфтаҳо мебошанд.

Рисолае, ки Б.Ашрапов таҳия намуд, аз 3 бобу 22 зерфасл бо муқаддима, хулоса ва феҳристи осору сарчашмаҳо иборат мебошад. Дар феҳрист 200 номгӯи осори илмӣ ва сарчашмаҳо омадааст, ки худ гувоҳи то кадом андоза ошно будани унвонҷӯ бо адабиёти илмии марбут ба мавзӯъ мебошад.

Дар ҷараёни таҳсил дар аспирантура ва солҳои минбаъда ҳам ӯ худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, олими ҷавони пуркор, инсони ростқавл, муаллими серталаб нишон дод. Ба ҳамаи вазифаҳои худ, супоришҳо ва ваъдаҳо бо камоли ҷиддият муносибат ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда онҳоро иҷро мекард.

Ман - ҳамчун роҳбари илмӣ пурра аз ӯ қаноатманд буда, бо боварии том мегӯям, ки ӯ ҳамчун муҳаққиқи кунҷков, дурбин ва эътимодбахш худро муаррифӣ намуд ва умедворам, ки дар забоншиносии тоҷик мақом ва манзалати худро меёбаду сухани боз тозатари худро мегӯяд.

Рисолае, ки ба муҳокима ва дифоъ пешниҳод мешавад, рисолаи мукаммал, таҳқиқи арзишманд ва анљомёфта буда, пурра ҷавобгӯ ба талабот ба чунин корҳои илмӣ мебошад.

Фишурдаи рисола бо дарназардошти талаботи КОА ҶТ таҳия шуда, муҳимтарин нуктаҳои рисоларо инъикос мекунад.

**Номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи грамматикаи забони арабии**
**факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров":** **Ғиёсов Н.И.**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 31,**
**хонаи 18, ҳуҷраи 10**
**Тел: +(992) 927739641**
**E-mail: nur-1954@mail.ru**
**"Имзои Н.И. Ғиёсовро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров":** **Наврӯзов Э.М.**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1.**
**тел:+(992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**